«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
доктори илми таърих, профессор
Ибодуллозода А.И.
____________________
«17» апрели соли 2024

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ)**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи доктории Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) мутобиқат менамояд.

Дар забоншиносии тоҷик то имрӯз оид ба самтҳои гуногуни он тадқиқоти зиёде ба анҷом расонида шудааст, ки чунин ковишҳо ба ошкор кардани риштаҳои мухталифи забон рабт дорад. Аммо боз якчанд масъалаҳои муҳимми омӯхтанашудае мебошанд, ки ба онҳо аз ҷониби забоншиносон камтар диққат дода шудааст. Масалан, ба ҳамвазифагии унсурҳи ёвари забон, ки дар сарчашмаҳои классикиву муосир ба назар мерасанд, то ҳол таваҷҷуҳи амиқ сурат нагирифта буд. Аз ин рӯ, мо метавонем рисолаи диссертатсионии Курғанов Зохид Дехкановичро таҳти унвони «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» дар забоншиносии тоҷик иқдоми муҳим ва сариватӣ арзёбӣ намоем.

Замони истиқлол барои таҷдиди арзишҳои миллӣ ва махсусан, посдории асолати забони миллӣ имкониятҳои бесобиқаеро фароҳам овард, ки дар заминаи он илми забоншиносии тоҷик ба дастовардҳои бемисли илмӣ ноил гардид. Дар ин замина, баррасии паҳлуҳои гуногуни вожаҳои ёвари сервазифа яке аз самтҳои назаррас ва қобили қабул

муаррифӣ мешавад, ки дар рисолаи диссертатсионии мавриди тақриз хеле хуб баррасӣ шудааст.

Дар рисола бар ин таъкид мегардад, ки таҳлилу баррасии масъалаҳои муҳиму афзалиятноки калимаҳои ёвари сервазифа дар осори адибони классику муосир яке аз ҷанбаҳои арзишманд маҳсуб ёфта, муҳаққиқонро водор месозад, ки дар заминаи собиқаи таърихӣ ва дастовардҳои муҳим ба пажуҳиши ин қабил калимаҳо пайваста саъйу кӯшиш намоянд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Сохтори умумии кор, масъалагузориҳои мушаххаси илмӣ, мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масоили таҳқиқшаванда, навгониҳои таҳқиқ ва аҳаммияти назариявию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаю натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуқтаи назари бевоситаи шахсии ӯро таъкид менамоянд. Саҳми шахсии диссертант, ҳамзамон, дар омӯзиши назарияҳои донишмандони муосири ватаниву хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳс, омода намудани мақолаву маъруза ва нашри монография доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Муносибати инфиродии назарӣ ва методологии муаллиф дар ҳалли як қатор масъалаҳои марбут ба грамматика ва морфологияи таърихии забони тоҷикӣ мусоидат менамояд. Диссертатсия дар асоси истифодаи методҳои маъмули забоншиносӣ, ба мисли мушоҳидаву муқоиса, синхрониву диахронӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва тавсифӣ-таҳлилӣ таълиф шудааст. Инчунин, дар ҷараёни таҳқиқ методи оморӣ низ ба кор гирифта шудааст. Муаллифи диссертатсия бо такя ба маводи фаровони забоншиносон ва луғатномаю донишномаҳо муҳимтарин хусусиятҳои вожаҳои ёварро дар забон таҳқиқ намуда, таркиб ва сохтори онҳоро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Бино ба андешаи муаллифи рисола унсурҳои ёвари осори садаҳои X-XIII нисбат ба даврони муосир сервазифа буда, оҳиста-оҳиста доираи маъноии онҳо танг шудааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович бо як равиши хуби илмӣ иншо шуда, дар он тобишҳои маъноии ҳиссаҳои номустақили нутқ, ки дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир истифода гаштаанд, ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Натиҷаҳои бадастомада гувоҳи онанд, ки интихоби мавзуъ ва равиши баррасии илмии он дуруст пайгирӣ шудааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навгонии диссертатсияи доктории

Курғанов Зохид Дехканович, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки нахустин маротиба дар забоншиносии тоҷик таърихи унсурҳои ёвари сервазифа ба риштаи таҳлил кашида шуда, онҳо бо забони адабии муосири тоҷикӣ қиёс карда шудаанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал дар забоншиносии тоҷик корбурди унсурҳои ёвари сервазифа аз ҷиҳати муқоисавӣ-таърихӣ ва қиёсӣ мавриди таҳқиқи ҳаматарафа қарор гирифта, раванди ба таҳаввулоти шакливу маъноӣ дучоргардии онҳо дар заминаи маводи зиёди аз даврони гуногуни инкишофи забони тоҷикӣ-форсӣ гирдомада ошкор карда шудааст ва ҳангоми баррасии масъалаҳои муҳимми морфологиву синтаксисии забони тоҷикӣ ба он метавон такя кард.

**Аҳаммияти амалии** диссертатсияи мавриди тақриз дар он ифода мешавад, ки натиҷаву хулосаҳои таҳқикро метавон дар таълиму тадриси курсҳои тахассусӣ аз ҳар се даврони таърихи забони тоҷикӣ (бостон, миёна ва нав), фанҳои интихобии таърихи унсурҳои ёвари сервазифа ба кор бурд. Инчунин натиҷагириҳо ва хулосаҳои диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович метавонанд дар таълифи васоити таълимӣ ва китобҳои дарсӣ аз сарфу наҳви таърихии забони тоҷикӣ истифода шаванд. Он ҳамчунин ба магистрантону докторантон дар ҷараёни таълифи рисолаҳои номзадӣ ва магистриву доктор PhD мавриди баҳрабардорӣ қарор хоҳад гирифт.

Диссертатсияи Курғанов З.Д. аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, панҷ боб, бо фаслҳову зерфаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва феҳристи адабиёт иборат буда, ба талаботи илмии диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия доир ба мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, манбаъҳо, ихтисораҳо, асосҳои назарӣ ва методологии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқ, навгонии илмиву тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ маълумот пешниҳод шуда, муҳиммияти мавзуи таҳқиқ ва объекту предмети он мушаххас карда шудааст.

Боби аввали диссертатсия **«Аз таърихи тадқиқи ҳиссаҳои ёвари нутқ»** (саҳ. 22-61) унвон дошта, дар он аз бобати вижагиҳои сохторию маъноии пешояндҳо, пайвандакҳо ва ҳиссачаҳо сухан рафта, аз се фасл иборат мебошад. Фасли аввали боби якум **«Пешояндҳо»** ном дошта, андешаҳои забоншиносони тоҷику русро доир ба пешоянду пасояндҳо мавриди баррасӣ қарор додааст. Диссертант ба таърихи пажуҳиши

пешоянду пасояндҳо назар карда қайд кардааст, ки забоншиносони ватанию хориҷӣ доир ба теъдод ва вижагиҳои корбурди пешояндҳо як силсила таҳқиқоти судмандро таълиф карда, кӯшиш намудаанд, ки нақши пешояндҳоро дар ибора ва ҷумла нишон дода, зарурати истеъмоли онҳоро дар матн таъкид намоянд. Муаллифи рисола пас аз таҳлилу муқоиса ба чунин бардошти илмӣ расидааст: «Аз таҳлили иҷмолии асару мақолоти марбут ба пешояндҳои забони тоҷикӣ бахшидашуда маълум мегардад, ки кулли муҳаққиқон аз хусуси ин унсури забонӣ андешаи ҳамгунро қоил шудаанд. Дар чунин осори илмӣ муаллифони онҳо таваҷҷуҳи худро ба як вазифаи мушаххаси пешояндҳо равона намуда, ба доираи маънои онҳо хеле кам диққат додаанд, ҳол он ки ба назар нагирифтани вазифаҳои мухталифи ин гуна аносири ёвар боиси возеҳу равшан дарк нашудани мазмуни матн мегардад» (саҳ. 41).

Фасли дуюми боби якуми диссертатсия **«Пайвандакҳо»** ном дошта, диссертант аз таърихи пажуҳиши пайвандакҳо маълумот додааст. Дар забоншиносии тоҷик доир ба пайвандакҳо таҳқиқотҳои зиёде анҷом пазируфтаанд, ки онҳо ба сохт, маъно, вазифа ва доираи истеъмоли пайвандакҳо марбут мебошанд. Забоншиносон Д. Тоҷиев, Н. Маъсумӣ, М.Б. Шаҳобова, Ш. Рустамов, М. Қосимова, С. Атобуллоев, Х. Ҳусейнов, Н. Бозидов, Ф. Зикриёев ва дигарон доир ба пайвандакҳо андешаҳои судманд баён намудаанд. Ба қавли диссертант, дар забони тоҷикӣ муаммои пайвандакҳо ва таркибҳое, ки ба вазифаи пайвандакҳои тобеъкунандаи таркибӣ меоянд, то ҳол ба пуррагӣ омӯхта нашудааст. Муаллифи диссертатсия, бо такя ба сарчашмаҳои илмӣ, пайвандакҳои тобеъкунандаи таркибиро ба 17 гурӯҳ ҷудо намудааст. Воқеан, таркиби луғавии ҳар забон хусусиятҳои махсуси миллӣ дорад, ки сохти грамматикии ин ё он забонро нишон медиҳад. Дар фасли мазкур муаллифи рисола нуктаҳои арзишманди дигарро низ оид ба вижагиҳои пайвандакҳо овардааст.

Дар фасли сеюми боби якум – **«Ҳиссачаҳо»**, муаллиф ба баррасии вижагиҳои ҳиссачаҳо ҳамчун ҳиссаи номустақили нутқ, ки дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир истифода шудаанд, пардохтааст. Дар рисола омадааст, ки таҳқиқи ҳиссачаҳо дар асоси маводи манзуму мансури алоҳидаи забони адабии муосири тоҷикӣ аз тарафи забоншиносон сурат гирифтааст. Ба ҳайси далел тадқиқоти илмии забоншиносони тоҷик ба мисли Н. Маъсумӣ, Х. Ҳусейнов ва Т. Шокиров оварда шуда, арзиши илмии онҳо муқаррар карда шудааст. Диссертант, инчунин, андешаҳояшро роҷеъ ба фикру ақидаҳои донишмандони эронӣ ба мисли А. Ҳумоюнфаррух, Х. Фаршедвард ва

дигарон, ки доир ба ҳиссачаҳои **ҳам, боз, инак, магар, низ, ҳатто** ва ғайраҳо матраҳ кардаанд, баён доштааст.

Боби дуюми диссертатсия «**Таҳаввули вазифаи ҳиссаҳои ёвари нутқ дар даврони бостон ва миёна»** (саҳ. 62-122) ном дошта, ба таҳқиқи инкишофу вазифаҳо ва вижагиҳои луғавию маъноии пешоянду пайвандакҳо дар даврони қадим ва миёна бахшида шудааст. Боби мазкур аз ду фасл иборат аст. Фасли якуми боби дуюми диссертатсия **«Пешояндҳо»** унвон дошта, доир ба вижагиҳои маъноӣ ва ташаккули вазифаҳои калимаҳои ёвари мазкур баҳс мекунад. Ба фикри диссертант, сарчашмаи пайдоиши ин навъи калимаҳои ёвар вожаҳои мустақилмаъное чун ҷонишину зарф буда, тадриҷан аз маънои мустақили луғавиашон маҳрум гардидаанд ва танҳо барои робитаи миёни ҷузъҳои иборaю ҷумлаҳо ба кор рафтаанд. Қайд шудааст, ки нақши пешояндҳо дар муносибатҳои грамматикии байни унсурҳои луғавӣ хеле калон аст. Таснифоти пешояндҳо аз рӯйи ифодаи маъно ва муайян намудани мавқеи онҳо дар ибора ва ҷумла вижагиҳои ба худ хосро доро мебошанд. Чунин таснифот барои равшану возеҳ баён намудани вижагиҳои маъноии онҳо имкони мусоид фароҳам меоварад.

Фасли дуюми боби дуюми диссертатсия – **«Пайвандакҳо»**, ба баррасии вижагиҳои маъноӣ ва вазифаҳои зиёди пайвандакҳо дар ҷумла бахшида шудааст. Бино ба андешаи диссертант, дар катибаҳои порсии қадим мо ду гурӯҳи пайвандакҳоро дучор мешавем: пайвандакҳои пайвасткунанда ва тобеъкунанда. Пайвандакҳои тобеъкунандаи порсии қадим мисли забони адабии муосири тоҷикӣ навъҳои гуногуни ҷумлаҳои пайравро ба сарҷумла тобеъ менамуданд. Дар ин фасл аз катибаҳои зиёди сангӣ мисолҳо оварда шуда, вазифаҳои пайвандакҳо дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ тавзеҳ дода шудаанд.

Дар боби сеюми диссертатсияи Курғанов З.Д. – **«Усулҳои истифодаи ғайримаъмули пешояндҳову пасояндҳо дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир»** (саҳ. 123-192), ки аз панҷ фасл ташаккул ёфтааст, доир ба роҳҳои баёни мухталифи пешоянду пасояндҳо, ки дар сарчашмаҳои манзуму мансури асрҳои X-XIII ва даврони муосир мавриди корбасти суханварон қарор гирифтаанд, маълумоти дурусту мукаммал манзур карда шудааст. Диссертант дар ин қисмати рисола бо мисолҳо нишон додааст, ки дар мутуни назмиву насрӣ пешояндҳои содаи аслӣ ба ҷойи якдигар низ меомадаанд. Бояд гуфт, ки доир ба ҳар кадоми пешояндҳои сода аз қабили аз / зи, ба / бад, бар, бо / або, дар / андар маълумоти зарурӣ оварда шуда, афкори муҳаққиқ доир ба пешояндҳои бо ҳам муродиф мешуда дурусту бамавриданд. Мисолҳои таҳлилнамудаи муаллифи рисола гувоҳи чунин андеша аст. Ҳамчунин дар ин боб

соҳибрисола оид ба масъалаи **истифодаи пешояндҳо ба вазифаи ҳиссаҳои ёвари нутқи дигар**, ба мисли **пешояндҳои аслии сода ба вазифаи пайвандакҳо, пешояндҳои аслии сода ба вазифаи пайвандакҳои пайвасткунанда,** **пешояндҳои аслии сода ба вазифаи бандаки изофӣ, пасоянди «-ро» ба вазифаи пешояндҳо ва бандаки изофӣ** маълумоти муфассали илмии арзишмандро баён кардааст.

Дар боби чоруми диссертатсия, ки **«Усулҳои истифодаи ғайримаъмули пайвандакҳо дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир»** (саҳ. 193-259) ном дорад, доир ба вазифа ва ташаккули пайвандакҳои пайвасткунанда ва тобеъкунанда сухан рафта, фарогири се фасл мебошад. Дар фаслҳои мазкур оид ба вазифа ва ташаккули чунин пайвандакҳои пайвасткунандаву тобеъкунанда маълумоти мукаммалу фарогир пешниҳод шудааст: ва, чи, ё, аммо; ки, агар, чун / чу, то. Диссертант бо мисолҳо исбот кардааст, ки пайвандакҳо метавонанд дар матн ҳиссачаҳоро низ иваз намоянд.

Боби панҷуми диссертатсия **«Мавридҳои хоссаи истифодаи ҳиссаҳои ёвари нутқ дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир»** (саҳ. 260-302) ном дошта, шомили чор фасл (ҳазфи ҳиссаҳои ёвари нутқ, соматизмҳо – унсурҳои меҳварии ҳиссаҳои ёвари нутқ, қолабҳои пешояндиву пасояндии бофосила ва бефосила ва робитаи аносири ёвари сервазифа бо гӯйишҳои забони тоҷикӣ) мебошад. Таҳлили корбурди ҳиссаҳои ёвари нутқ дар маъхазҳои асрҳои X-XIII ва муқоисаи онҳо бо осори адибони муосир нишон медиҳад, ки аҳли адаби асримиёнагӣ дар чараёни баёни фикр бо тақозои қонуну қоидаҳои назму наср андешаи худро тавре баён мекардаанд, ки ҳам ба ақл ва ҳам ба эҳсос таъсир расонида, боиси гӯшнавоз шудани забони осорашон гардидааст. Аз ин рӯ, диссертант бо овардани далелҳои фаровон чунин хусусияти баёни онҳоро тақвият бахшидааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Курғанов З.Д. дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шуда, бандубаст, ҷобаҷогузории бобҳо, фаслу зерфаслҳо басо хуб роҳандозӣ шудааст. Таҳқиқоти комилу фарогир будани диссертатсияро аз он низ метавон дарк кард, ки мисолҳои таҳлилшудаи ҳар як бобу фаслҳо бевосита инъикоскунандаи номи онҳо мебошад. Хулосаи диссертатсия фарогири 29 банд буда, ҳар як банд ба мақсад ва вазифаҳое, ки диссертант дар пеш гузоштааст, пурра мувофиқат менамояд. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ низ хеле муҳиму арзишманд мебошанд.

Дар баробари дастовардҳо ва муваффақиятҳо, дар диссертатсия баъзе нуктаҳои мубҳаму норавшан мушоҳида мешавад, ки ба назар гирифтани онҳо дар оянда ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Ному насаби олимони забоншинос дар диссертатсия бояд якхела навишта шавад. Дар як ҷо Д. Хоҷаев (саҳ. 16) дар ҷойи дигар Давлатбеки Хоҷа (саҳ. 33).

2. Хуб мебуд дар диссертатсия ба ҷойи истилоҳоти русии «функсия» ва «компонент» гунаҳои тоҷикии он, яъне «вазифа» ва «ҷузъ» истифода мегардид (саҳ. 37).

3. Дар кор иқтибоси тахминиро не, балки маънои дурустро овардан лозим. Ба монанди: «Муҳаққиқ Б. Шарифов низ оид ба хусусияти муродифӣ зоҳир кардани пешоянди «чун / чу» бо пешояндҳои «монанди», «мисли» ва пасоянди «барин» тахмин задааст» (саҳ. 39).

4. Аз такрори бемавқеи феъли ёвари «ҳаст» ҳусни сухан коҳиш ёфтааст (саҳ. 89).

5. Дар саҳ. 55-и диссертатсия чунин ҷумларо мехонем: «Ва ибтидои ҳоли ӯ он буд, ки аз кӯдакӣ **боз** дардзада буд ва талабгор; ва боадаб ва фаросат ва фикрат буд; ва тезфаҳме аҷиб буд». Ин ҷо вожаи «боз» пасоянд аст на ҳиссача.

6. Дар саҳ. 83-и диссертатсия ҷумлаеро мехонем: «Сарнавиштро духтар ба сари чоҳ буду об мекашонд ва чаҳорпоёнро об медод». Дар ҷумлаи мазкур зарф нест. Ин ҷумла низ таҳрир мехоҳад.

7. Зербоби якуму дуюми боби якум ва зербоби якуму дуюми боби дуюм низ «Пешояндҳо» ва «Пайвандакҳо» ном дорад. Аз рӯйи мазмуну муҳтавои кор зербобҳои якуму дуюми боби дуюмро иваз кардан даркор аст.

8. Дар унвони боби сеюм – «Усулҳои истифодаи ғайримаъмули пешояндҳову пасояндҳо дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир» – пасванди ҷамъбандии «-ҳо» ду бор такрор шудааст, ки услуби нигориш коҳиш ёфтааст, дурусташ **пешоянду пасояндҳо** бояд бошад.

9. Дар кор баъзе хатоҳои имлоӣ, китобатӣ ва услубӣ ба назар мерасад ( с.10, 33, 40, 51, 62, 87, 88, 123, 130, 134,135, 147 ва ғ.).

Мавриди зикр аст, ки камбудиҳои мазкур ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ мазмуну мухтавои диссертатсияро коҳиш намедиҳад, зеро муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузоштаро дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ ба анҷом расонида, ба дастовардҳои муҳимми илмӣ ноил гаштааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз

рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) сазовор мебошад. Илова бар ин, диссертант қобилияти баланди илмӣ дошта, фаъолият ва таълифоти илмии ӯ бевосита ба самти забоншиносӣ мувофиқат мекунанд.

Автореферати дисертатсия ва маводи интишорнамудаи муаллиф фарогири мазмуну мухтавои асосии диссертатсия буда, 17 номгӯйи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

**Хулоса,** диссертатсияи доктории  Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва  амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба  номи Садриддин Айнӣ Гадоев Нурхон омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур санаи 16-уми апрели соли 2024 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест».

Суратҷаласаи №9 аз 16.04.2024.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи услубшиносӣ ва назарияи тарҷумаи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба  номи С. Айнӣ — Баротзода Файзиддин Камолиддин

Мудири кафедраи назария ва
амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба  номи С. Айнӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Шерализода Адолат Шералӣ

**Эксперт:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва амалияи забоншиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Гадоев Нурхон

**Котиб:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва амалияи забоншиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич

**Имзоҳои профессорон Баротзода Ф.К., Гадоев Н. ва дотсентон Шерализода А. ва Юсупов Ш.-ро тасдиқ менамоям:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Мустафозода Абдукарим

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
Нишонӣ: 734003, ш. Душанбе,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Почтаи электронӣ: info@tgpu.tj
Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj
Тел.: +992 (37) 224 13 83
«16» апрели соли 2024.